# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

Муҳимияти таҳқиқоти мазкур дар он аст, низоми муосири таълиму тарбияи томактабӣ бо фароҳам овардани шароит барои рушди ҳар як кӯдак мусоидат менамояд, то ин ки битавонад, то ҳадди имкон қобилияту маҳорати худро нишон дода, бахри рушди пайвастаи истеъдод талош варзад. Дар улуми педагогӣ роҳҳо ва усулҳои эҳё намудану ошкор кардани нерӯи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди тарбия, ки ба ҳар як наврас имкони инкишофи эҷодӣ, пурра ва фаъолона баён кардани фикру ақоидро фароҳам меорад, пешниҳод шудааст. Воситаҳои босамари педагогии ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардиданд. Роҳ ва усулҳои методикаи инкишофи эҷодии кӯдакон ҳангоми фаъолияти тасвирӣ дар таҷриба амалӣ карда шуда, муносибатҳои педагогӣ ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардидааст. Маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ ва истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот манбаи боэътимод барои баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машгул мебошанд, дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни томактабӣ дар асоси хулосаҳои пешниҳодшуда таъмин намояд.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Кор дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо протоколи №09 аз 08.11.2023 барои ҳимоя тавсия шудааст.

Хулосаи шуъба баҳои мусбии воқеию ҳамаҷонибаи диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори диссертатсия консепсияи интихоби оптималии усулҳои ташкили шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни

томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ба миён гузошта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки алоқаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳои ташкили таълим ва усулҳои таълим муайян карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад бо ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо оид ба бедор намудани шавқу рағбати кӯдакон, чорабиниҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ, зарурати баланд бардоштани маърифати педагогии омӯзгор, ҷорӣ намудани усулҳои нави таълим дар самтҳои назорати дониш, семинарҳои лабораторӣ, аёният дар машғулиятҳо, худомӯзӣ ба миён орад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 - Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна тавсия мекунад, ки:

- Диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

Ба сифати муассисаи пешбар:

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ба ҳайси муқарризони расмӣ:

**- Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**- Қурбонова Гулрӯ Абдуалимовна** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” таъин карда шаванд.

Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
ходими пешбари илмӣ — Юнусова Н.М.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Обидова М.И.

номзади илмҳои педагогӣ — Лутфуллоева П.М.

09.07.2024

Имзои Юнусова Н.М., Обидова М.И., Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳакимова Х.С.